Тақризи

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна таҳти унвони "Вижагиҳои маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои садаҳои х-хIII", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ бо ихтисоси 10.02.01 - забони тоҷикӣ ба дифоъ пешниҳод гардидааст.

Забоншиносии тоҷик дар баробари риштаҳои дигари илмӣ дар самтҳои мубрами таҳқиқу пажӯҳиш муваффақона рушд карда истодааст.

Ба ин васила, вижагиҳои гуногуни забони тоҷикӣ аз тарафи муҳаққиқони забоншинос мавриди таҳқиқу омӯзиши амиқу натиҷабахш қарор гирифтааст. Замони истиқлолият барои таҷдиди арзишҳои миллӣ ва махсусан посдории асолати забони миллӣ имкониятҳои бесобиқаеро фароҳам овард, ки дар заминаи он илми забоншиносии тоҷик ба дастовардҳои бемисли илмӣ ноил гардид. Дар ин замина, таҳқиқи вижагиҳои маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологӣ яке аз самтҳои назаррас ва қобили қабул муаррифӣ мешавад. Бинобар ин, таҳқиқоти Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна яке аз масъалаҳои басо таҳқиқталабро фаро гирифта, ба ҷанбаҳои ҳалталаб ва мубрами фразеологияи тоҷик равшанӣ андохтааст.

Мусаллам аст, ки дар забони тоҷикӣ ибораҳое ҳам ба назар мерасанд, ки бо устуворӣ ва рехтагии таркиби худ фарқ карда, дар гуфтор оҳангу тобишҳои киноявиро равшантар, барҷастатар инъикос менамоянд. Омӯзиши паҳлӯҳои мухталифи таъбирҳои халқии таркиби луғавии забони тоҷикӣ аз ҷумлаи беҳтарин иқдом барои шинохтани мавқеъ ва дараҷаи корбурди воҳидҳои фразеологӣ дар забони пурғановати тоҷикӣ мебошад. Ҳамзамон зарурати омӯзиши воҳидҳои фразеологии таърихӣ дар муқоиса бо забони адабӣ аз он ҷиҳат муфид аст, ки онҳо узван бо ҳам алоқаманд буда, дар иртиботи якдигар инкишоф меёбанд ва таъсири мутақобилаи онҳо вобаста ба марҳилаҳои мухталифи инкишофи таърихии ҳаёти халқ сурат мегирад. Ба риштаи таҳқиқ кашидани ҷанбаҳои мухталифи воҳидҳои фразеологӣ имкон медиҳад, ки воқеаву ҳодисаҳои ҳаёти воқеӣ бо тамоми ҷузъиёташ ва тобишҳои гуногун муаррифӣ шавад.

Ҳадафи диссертатсияи мазкур таҳқиқ намудани вижагиҳои фардию маъноӣ ва услубии воҳидҳои фразеологии таърихӣ, навъҳои воҳидҳои фразеологӣ аз нигоҳи мазмуну мундариҷа, қабатҳои луғавии он ба монанди муродифоти фразеологӣ, ҳамгунҳои фразеологӣ, сохтори фразеологизмҳо -таркиб ва ибораҳои фразеологӣ муайян шудааст, ки барои забоншиносии муосир басо муҳим ва айнизамонӣ аст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои он ба пажӯҳишгарону тадқиқотчиён ва олимоне, ки соҳаҳои мухталифи

фразеологияи таърихномаҳоро мавриди тадқиқ қарор доданианд, кумак карда метавонад. Маводи диссертатсия, бешакку шубҳа, дар тадқиқотҳои минбаъдаи олимон дар сохаи фразеологияи таърихию муосир, лексикология ва услубшиносӣ истифода бурда мешавад.

Навгонии тадқиқот дар он зоҳир мегардад, дар забоншиносии тоҷик хусусиятҳои маъноиву сохтории воҳидхои фразеологӣ дар таърихномаҳои садаҳои х-хIII бори нахуст мавриди баррасии системавӣ ва амиқ қарор дода мешавад. Инчунин таҳаввулоти таърихӣ дар сабки нигориши воҳидҳои фразеологии таърихномаҳои форсӣ-тоҷикӣ, роҳҳои тағйир ёфтани сохтори воҳидҳои фразеологӣ дар ҷараёни нутқ, иваз шудани ҷойи ҷузъҳои онҳо, ки яке аз воситаҳои ташаккулу таҳаввули намуди зоҳирӣ ва мазмуни воҳидҳои фразеологӣ маҳсуб мешавад, бори аввал аз нигоҳи илмӣ маънидод карда мешавад.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки ин рисола ба пажӯҳишгарону мутахассисони соҳа ва олимоне, ки соҳаҳои мухталифи фразеологияи таърихиро мавриди тадқиқ қарор доданианд, дасти ёрӣ дароз карда метавонад. Дар диссертатсияи мавриди назар бори нахуст дар таърихномаҳои форсӣ-тоҷикӣ ва дар муҳити таърихӣ ташаккул ёфтани онҳо, нақши омилҳои забонӣ ва гуфтугӯйӣ дар ташаккули воҳидхои фразеологии ҳамон давра таъсири шароиту тарзи зиндагии мардум дар шаклгирии фразеологизмҳои таърихӣ ва дигар воситаҳое, ки боиси инкишофи низоми фразеологии таърихномаҳо гардиданд, бо далелҳои мустаҳками илмӣ асоснок карда, нишон дода мешаванд.

Натиҷаи диссертатсияро метавон дар донишгоҳу донишкадаҳо зимни дарсҳои назариявию амалии луғатшиносӣ, таърихи забон, ҳамчунин курсҳо ва семинарҳои тахассусӣ доир ба фразеология, лексикология ва услубшиносӣ, инчунин ҳангоми тартиб додани фарҳангҳои фразеологӣ истифода намуд.

Диссертатсия аз муқаддима, шаш боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия дар бораи мубрамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯхташавии он, мақсаду вазифа ва навгониҳои диссертатсия, методҳои тадқиқот, аҳамияти назариявию амалии рисола, ҷиҳатҳои асосии кор, ки ба химоя пешниҳод карда шуданд, сухан рафтааст.

Боби якуми рисола бо унвони **“Таҳаввулот дар сабки нигорищи таърихномаҳои форсӣ-тоҷикӣ”**, ном дошта аз се фасли мантиқан бо ҳам алоқаманд иборат аст. Дар фасли аввал бо унвони “Таърихномаҳо ва таҳаввули сабки нигориши онҳо” муаллиф дар бораи забоншиносони хориҷию ватанӣ ва фарҳангҳое, ки дар онҳо воҳидҳои фразеологӣ тавзеҳ дода шуданд, андешаҳои ҷолиб пешниҳод карда, назари худро вобаста ба масъалаҳои мубрами фаслҳо баён мекунад ва мисолҳои ҷолибро шарҳу эзоҳ медиҳад. Аз мазмуни фасли аввал бармеояд, ки

таърихнависӣ байни қавмҳои эронитабор аз даврони хеле куҳан шуруъ гардида, дар густариши ин фан дар миёни мардуми ғайриэронӣ нақши муҳим бозидааст.

Фасли дуюм "Таърихномаҳои ба забони форсӣ-тоҷикӣ таълифгардида" унвон дошта, дар ин фасл муаллифи рисола бар он назар аст, ки фразеологияи бостонӣ заминаҳои устувор дошта, он дар асоси боигарии устувори фонд ва таркиби луғавию сохти грамматикии забон татбиқ мешавад ва дар баробари ин воҳидҳои фразеологии таърихӣ аз ҷиҳати маъно ва муҳтаво дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ гуногунмазмун ва гуногунвазифаанд. Маълум аст, ки таърихномаҳо яке аз воситаҳои асосии шинос шудан ба гузаштаи халқ, анъана, расму оин, урфу одат, илму фарҳанг маҳсуб мешавад. Аз ин рӯ, ба таври комил аз бар намудани мазмуну муҳтавои онҳо зарурати воқеист.

Дар фасли сеюм бо унвони "Таърихномаҳои аз забони арабӣ тарҷумагардида"ном дошта, роҷеъ ба таърихномаҳои тарҷумавӣ дар қатори воҳидҳои фразеологӣ дар ҳар давру замон ба чунин таркибу ибораҳое дучор омадем, ки назири онҳоро мо аз ҳеҷ осори таърихии бо забони форсӣ-тоҷикӣ таълифшуда дучор накардем,

Таърихномаҳои ба забонҳои ғайр, хусусан аз забони арабӣ тарҷумашуда низ дар ҳифзи луғоти асилу зебои тоҷикӣ аз ҳамин гуна осори таърихии ба забони асл таълифгардида монданӣ надорад.

Боби дуюм бо номи **"Мансубияти забонии вожаҳои таркиби воҳидҳои фразеологии соматикӣ"** ном дошта, шомили ду фасл аст. Дар ин боб воҳидҳои фразеологӣ бо вожаҳои соматӣ гурӯҳи ҷудогонаи воҳидҳои фразеологӣ таҳлилу таҳқиқ шудаанд, ки дар онҳо вожагони ифодагари узвҳои бадани инсон истифода шудаанд. Бояд қайд кард, ки дар забони тоҷикӣ, таъбирҳои ба гурӯҳҳои ҷудогонаи луғавӣ робитадошта дида мешавад ва ба соҳаҳои гуногуни рӯзгори мардум дахл доранд. Бо ҳамин тартиб муҳаққиқ собит намудааст, ки воҳидҳои фразеологии дорои мафҳумҳои соматӣ амалиёт, фаъолият ва кору муносибати мухталифи мардумро дар худ инъикос менамоянд. Чунон ки таснифоти муҳаққиқ нишон медиҳад, дар дар таърихномаҳои мазкур фразеологизмҳои соматикӣ, ки ҷузъи асосӣ воҳидҳои луғавии ифодакунандаи номи аъзои бадани инсон – «дил», «гӯш», «чашм», «даҳон», «рӯй», «даст», «пой», «гардан», «лаб», «забон», «дандон», «гӯш», «бинӣ», «ҷигар» маҳсуб мешаванд, бо теъдоди зиёд ва гуногунранг корбурд мешавад,

Ба ҳамин тартиб, воҳидхои фразеологии соматикӣ ба пахлӯҳои мухталифи зиндагӣ иртибот дошта рӯҳия, кайфият, хусусиятҳои фардӣ ва мақсаду маромии соҳибони забонро ифода менамоянд.

Вожаҳои аслии тоҷикӣ дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ нақши басо калон дошта, маҳз онҳо сабаби ба вуҷуд омадани фонди фразеологии забонамон гардиданд. Дар диссертатсия воҳидҳои фразеологии дар заминаи вожаҳои аслӣ-тоҷикӣ пайдошуда аз рӯйи

мазмуну мухтаво ба ду гурӯҳ ҷудо шуданд.

1.1. Воҳидҳои фразеологии номӣ бо вожаҳои аслии тоҷикӣ. Воҳидҳои фразеологии номӣ(изофӣ) як қисмати калони фразеологияи забони тоҷикӣ ба шумор мераванд. Воҳидҳои фразеологии изофӣ бештаринашон аз таърихи забони тоҷикӣ манша гирифта, хусусиятҳои забонии маҳалҳои гуногунро дороанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки доир ба . воҳидҳои фролазеогии изофӣ забоншинос Хушенова С.В. бо номи "Изафетные фразеологические единицы таджикского языка"(Воҳидҳои фразеологии изофӣ дар забони тоҷикӣ) соли 1966 рисолаи номзадӣ ҳимоя кардааст, аммо дар ин бора дар рисола маълумоте оварда нашудааст.

Воҳидҳои фролазеогии изофӣ маънои маҷозӣ касб карда дар нутқ на ба маънои муқаррарӣ, балки ба таври яклухт як маънои умумиро ифода менамоянд. Воҳидҳои фразеологи номӣ дар рисола аз нигоҳи сохторашон ба ду қисмат гурӯҳбандӣ карда шудааст: Таркибҳои рехта ва ибораҳои рехта.

Аз рӯи нишондоди муҳаққиқ корбурди таркибҳои рехта нисбат ба ибораҳои рехта кам ба назар мерасад: **ба дилу дида, аз дилу ҷон, аз сар то по, сари сухан, рушноии чашм, хок бар сар ва ғайра.**

1.2. Воҳидҳои фразеологии феълӣ- бо вожаҳои аслии тоҷикӣ .

Ибораҳои фразеологии феълӣ паҳлуҳои мухталифи маъноӣ дошта дар феълҳои забони тоҷикӣ якбора ба вуҷуд намеоянд. Онҳо маҳсули даврахои таърихӣ буда, барои ифодаи ягон раванди зиндагӣ дар забони халқ хизмат мекунанд. Забоншиноси маъруфи тоҷик Ҳ. Маҷидов тадқиқоти илмиашро 1968 доир ба воҳидҳои фразеологии феълӣ ба анҷом расондааст. Муҳаққиқ дар рисолааш перомуни роҳҳои ташаккули воҳидҳои фразеологии феълӣ, ки маҳсули даврахои таърихӣ буда, барои ифодаи ягон раванди зиндагӣ дар забони халқ хизмат мекунанд, маълумотҳои муҳим оварда, сермаъноии унсурҳои луғавӣ, паҳлуҳои мухталифи пайдоиши маъно дар воҳидҳои фразеологии феълӣ ва хусусияти услубии онҳоро дар нутқ бо далелҳои амиқ баррасӣ намудааст.

Дар ташаккули ин навъ ибораҳои рехта дар қиёс бо хелҳои дигарашон нақши вожаҳои аслии тоҷикӣ калон буда, маҳз онҳо ибораҳои рехтаро созмон медиҳанд. Як ҳиссаи чунин вожаҳои меҳварии таркиби ибораҳоро калимаҳои соматикӣ ташкил медиҳанд. Дар диссертатсия доир ба вожаҳои соматии **дил -53, гӯш, даст-15, рӯй, чашм, сар, забон, по ва ангушт** ибораҳои фразеологӣ оварда шуда аз нигоҳи маъно ва мухтаво ва сохт баррасӣ карда шуданд.

Боби сеюми диссертатсия**"Мансубияти забонии вожаҳои таркиби воҳидҳои фразеологии ғайрисоматикӣ"** ном дошта, фарогири ду фасл аст. Дар ин боб дараҷаи истеъмолии вожаҳои аслии тоҷикӣ ва бархе аз вожаҳои аз забонҳои дигари эронӣ низ баррасӣ гардидааст.

Боби чоруми диссертатсия “**Воҳидҳои фразеологии сермувозӣ дар таърихномаҳои садаҳои х-хiii)**” унвон дошта, ба корбурди таркибу ибораҳои рехтаву устуворе бахшида шудааст, ки дар зери таъсири ҳодисаҳои муайяни овозӣ табдили вожаҳои мансуб ба ҳиссаҳои нутқ ва истифодаи унсурҳои алоҳидаи шаклсозу маъносози сарфӣ ба вуҷуд омаданд. Дар ҳафт таърихномаи мавриди таҳлил аз байни се навъи гунаҳо фонетикӣ, лексикӣ ва морфологӣ ду навъи охир маъмуланд.
Дар ин боб вариантҳои фразеологӣ аз нигоҳи овоӣ, лексикӣ ва морфологӣ таҳлилу таҳқиқи худро ёфтанд. Бояд қайд кард, ки муҳаққиқ дар зери истилоҳи “мувозӣ” вариантҳои фразеологиро дар назар дорад.

Боби панҷуми диссертатсия “**Воҳидҳои фразеологии муродифӣ дар таърихномаҳои садаҳои х-хiii)**” шомили панҷ фасл буда, дар он ду навъи воҳидҳои фразеологии муродифӣ - воҳидҳои фразеологи номӣ ва феълӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Аз рӯйи маълумоти диссертатсия воҳидҳои фразеологии номӣ нисбат ба воҳидҳои фразеологии феълӣ камтар ба назар мерасанд. Кисми зиёди ибораҳои рехтаи таърихномаҳои мавриди назарро воҳидҳои фразеологии муродифӣ ташкил медиҳанд:

Тир аз шаст бадар рафтан, хештанро ба касе додан, фармон ёфтан, ба он ҷаҳон карона шудан ва ғ.

Боби шашуми диссертатсия “**Воҳидҳои фразеологии нодир дар таърихномаҳои садаҳои х-хiii)**” аз се фасл иборат буда, воҳидҳои фразеологии ин фасл аз калимаҳои аслии тоҷикӣ ташаккул ёфтанд.Дар онҳо воҳидҳои фразеологие мавриди таҳлил қарор дода шудаанд, ки бо камназиру нодир будани худ тафовут дошта, онҳо дар дигар фарҳангҳо шарҳу эзоҳ наёфтанд. Чунин таркибҳои рехтаву ибораҳои фразеологӣ аз ҷиҳати замони пайдоишашон ягона набуда, бархе онҳо дар як давраи муайяни таърихӣ гардиш хӯрда. сонӣ аз хотирҳо фаромӯш шуданд, қисми дигарашон низ агарчи онҳо шакли собиқашон истифода намешаванд, вале дар шакли ташаккулёфта то ҳол корбурд мешаванд: **даст задан (ламс кардан), забон дар даҳони якдигар доштан (муттаҳид шудан), ба забон бинвохтан (навозиш кардан), ҷонро гирифтан (қатл кардан), забонфарои касе кардан (ғайбат кардан), сипар бияфкандан** (таслим шудан) ва ғайра.

Ба ҳамин тариқ, воҳидҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои садаҳои х-хiii воситаи муҳими ифоданокӣ ва образнокии сухан буда, онҳо ба мавзуъ ва ҳодисаҳои муайяни ҷомеа бахшида шудаанд ва дар заминаи маҷоз, муболиға, киноя ва ташбеҳ ташаккул ѐфтаанд ва барои рушду нумуъ кардани таркиби луғавии забони тоҷикӣ нақши муҳим доранд.

Дар қисмати хулосаи диссертатсия мазмуну муҳтавои он ба тариқи

фишурда дар бандҳои ҷудогона натиҷагирӣ карда шуда, вобаста ба ҳар як масъалаи мубрами таҳқиқ назари мушаххаси муҳаққиқ оварда шудааст. Автореферат ва маводи интишоршудаи муаллиф вобаста ба мавзӯи таҳқиқ мазмун ва мундариҷаи диссертатсияро ба пуррагӣ ифода намудааст.

Дар баробари натиҷаҳои арзишманд ва дастовардҳои назаррас ба назари эътибор гирифтани баъзе нуктаҳои зер барои боз ҳам боло бурдани сифати илмию назарии диссертатсия аз манфиат холӣ нахоҳад буд:

1. Дар рисола маводи фаровон аз таърихномаҳои мавриди таҳқиқ таҳлилу баррасӣ карда шуданд. Дар мавриди ба тариқи муқоиса таҳқиқ намудани маводи ҷамъоваришуда ба забони муосири тоҷик натиҷагириҳои муаллифро боз ҳам беҳтару ҷолибтар намуда, арзиши илмию амалии рисоларо ба таври назаррас боло мебурд.

2. Дар иқтибосҳои овардашуда, ному насаби муаллифи он дар саҳифаҳои диссертатсия зикр мешуд, нуран алонур мешуд. Масалан, "...забоншиноси маъруф Ҳ. Маҷидов оид ба таркибҳои фразеологӣ чунин менависад:"

3. Дараҷаи таҳқиқи мавзӯъ дар муқаддимаи диссертатсия ба таври маҳдуд ва кам андар кам баррасӣ гардидааст. Инчунин, на ҳамаи муҳаққиқони соҳаи фразеология оварда шудаанд, хуб мебуд, ки ин қисмат ба ҳадди муайян тавсеа дода мешуд.

4. Бобҳои рисола ҳамагӣ якрангу якхела ба назар мерасанд. Масалан, боби дуюм аз боби сеюм ва боби панҷум аз боби шашум ҳамагӣ бо як вожа тафовут дораду халос.

5. Дар қисматҳои ҷудогонаи диссертатсия, маълумоти назариявӣ он қадар зиёд набуда, таваҷҷуҳ ва такя ба олимони соҳаи фразеология ва дигар манобеи илмию амалӣ камтар сурат гирифтааст.

6. Пеш аз баррасӣ намудани масъалаҳои асосии бобҳо, агар роҷеъ ба муҳаккиқони пешин, ки дар мавзуи мавриди таҳқиқ чизе гуфтанд, маълумоти илмӣ пешниҳод карда шуда, ҳусну қубҳи асарҳои онҳо тавзеҳ дода мешуд, қиммати илмии диссертатсия меафзуд.

7. Дар диссертатсия доир ба таснифоти воҳидҳои фразеологӣ аз нигоҳи маъно чизе нест. Хуб мебуд, ки перомуни хелҳои воҳидҳои фразеологӣ аз нигоҳи маъно дар рисола боби махсус оварда мешуд.

8. Дар рисола доир ба сохтори воҳидҳои фразеологӣ маълумоти пароканда ва носаҳеҳ дода шудааст. Дар ин мавзуъ низ боби махсус

чудо карда мешуд, қиммати илмии рисола боло мерафт. Инчунин, муҳаққиқ дар бораи чумлаҳои фразеологӣ хомӯш буданро авлотар донистааст.

9. Воҳидҳои фразеологии **“Аз як гӯш даромада ба гӯши дигар баромадан”**ва **”дандон тез кардан”**(саҳ.114) аз ҷиҳати сохт ибораҳои фразеологӣ набуда, чумлаҳои фразеологӣ ба шумор мераванд.

10. Дар саҳифаи 175 воҳидҳои фразеологии **қасам хӯрдан, савганд ёд кардан** мувозиҳои фразеологӣ набуда, воҳидҳои фразеологии муродифӣ маҳсуб мешаванд.

11. Таркибҳои **шабу рӯз, рӯз ба рӯз, дуру нздик** (саҳ.205) воҳидҳои фразеологӣ нестанд.

Дар ниҳоят бояд зикр намуд, ки эроду пешниҳодҳои зикршуда моҳияти илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва ислоҳи онҳо имконпазир аст. Диссертатсияи Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна таҳти унвони **“Вижагиҳои маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои садаҳои х-х111)”,** ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ бо ихтисоси 10.02.01 - забони тоҷикӣ ба дифоъ пешниҳод гардидааст. ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология аст.

Муқарриз Н. Гадоев-
доктори илми филология,
профессори кафедраи назария
ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба
номи Садриддин Айнӣ

“Имзои профессор Н. Гадоевро тасдиқ менамоям”,
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи С.Айнӣ Мустафозода А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроғa: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121,
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
Gadoev46@mail.ru 985380054